## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи «"Садои мардум" – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманиҷорӣ. – Душанбе, 2024. – 177 с.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Пажуҳиши диссертатсионии Султонов Муҳамадато Исоевич ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми рӯзноманигории тоҷик – омилҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофи нашрияи парламентии «Садои мардум» бахшида шуда, ба бандҳои 9-10-уми бахши "Соҳаҳои таҳқиқот"-и шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат** мекунад.

Рӯзномаи «Садои мардум» ҳамчун минбари ибрози афкори халқ ва воситаи муҳимми таъмини робитаи мустақим байни ҳокимият ва ҷомеа ба давраи ҳассоси бунёди давлатдории навини тоҷик арзи вуҷуд намуда, дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва тарғиби арзишҳои миллӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Аз нигоҳи мундариҷа «Садои мардум» доираи васеи мавзуъҳоро фаро мегирад: аз масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ то фарҳанг ва иҷтимоъ. Ин гуногунрангӣ имкон медиҳад, ки нашрия ба ниёзҳои иттилоотии қишрҳои гуногуни ҷомеа ҷавобгӯ бошад.

Хусусиятҳои жанрии рӯзнома низ ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Дар саҳифаҳои он ҳисобот, мусоҳиба, репортаж, мақола, табсир, нигориш ва амсоли ин ба таври мутавозин ба мушоҳида мерасад. Нашрия аз нигоҳи мундариҷа гуногун буда, ба хонанда имкон медиҳад, ки дар бораи воқеаҳои муҳими дохилу беруни кишвар огоҳ шавад ва тасаввуроти ҳамаҷониба пайдо намояд.

Диссертатсияи номзадии Султонов Муҳамадато Исоевич таҳти унвони «"Садои мардум" – ҳамчун нашрияи парламентӣ» як пажуҳиши муҳим ва саривақтӣ дар соҳаи рӯзноманигории муосири тоҷик ба шумор меравад. Дар шароити кунунии ҷомеа, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъият ва муколамаи байни ҳокимият ва мардум торафт бештар мегардад, таҳқиқи фаъолияти нашрияҳои парламентӣ аҳаммияти хосса касб мекунад.

Муаллиф дар диссертатсияи худ таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум»-ро ҳамчун як минбари муҳимми ибрози назари мардум ва инъикосгари фаъолияти парламентии кишвар анҷом додааст. Дар таҳқиқ мавзуъҳои мубрами илми рӯзноманигорӣ, аз қабили

таърихи таъсис, самтҳои фаъолият, жанрҳо ва усулҳои корбарӣ, инчунин мавқеи рӯзнома дар ҷараёнҳои гуногун сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Актуалияти мавзуъ боз аз он иборат аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, таҳкими нақши рӯзноманигории парламентӣ дар таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии ҳокимият муҳим арзёбӣ мегардад.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Дар диссертатсия бори нахуст заминаҳои пайдоиш, зинаҳои ташаккул ва таҳаввули аввалин нашрияи парлумонии ҷумҳурӣ – «Садои мардум» таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ҳамчун омили таъсиргузор ба фазои иттилоотии кишвар ва озодандешиву плюрализм баррасӣ шуда, нақши ин таҳаввулот дар шаклгирии матбуоти даврии озоди парлумонӣ мушаххас гардидааст; вижагиҳои сохториву шаклии нашрия, аз ҷумла, ороиши саҳифаҳо, истифодаи унсурҳои графикӣ ва тарзи ҷойгиркунии матлабҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст; муносибати «Садои мардум» бо дигар расонаҳои хабарӣ ва муассисаҳои давлатӣ, инчунин, робитаҳои байналмилалии он дар заминаи ҳамкорӣ бо созмонҳои журналистии хориҷӣ ва нашрияҳои парлумонии кишварҳои дигар омӯхта шуда, хусусиятҳои хосси ин ҳамкориҳо муайян гардидааст; тамоюлҳои асосии рушди минбаъдаи нашрияи «Садои мардум» дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши технологияҳои иттилоотӣ пешбинӣ шуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он дар самти таъмини шаффофияти кори парлумон ва мусоидат ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионӣ аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии пажуҳишгарони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо, асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои матбуотӣ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, ки хулоса ва тавсияҳои боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқро дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки нашрияи парлумонӣ ҳамчун манбаи муҳимми иттилооти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, инчунин

воситаи мубрами таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ ба шумор мераванд. «Садои мардум» дар ин самт нақши калидӣ дошта, ба инъикоси васеи қонунҳо, қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин фаъолияти вакилон ва кумитаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки нашрияи мазкур ҳамчун платформаи муҳимми муколамаи байни парлумон ва ҷомеа хизмат намуда, имкон медиҳад, ки шаҳрвандон аз ҷараёни қонунгузорӣ огоҳ бошанд ва дар муҳокимаи масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ иштирок намоянд. Ин омил ба таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди низоми демократӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, дар пажуҳиш таъкид гардидааст, ки «Садои мардум» ҳамчун воситаи таблиғи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, инчунин муаррифии дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ хизмат менамояд.

Султонов Муҳамадато барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 12 банд манзур намудааст, ки муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва мундариҷаву жанрии рӯзномаи “Садои мардум” аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд мушаххас гардида, натиҷаҳои таҳқиқ асоснок ва муаррифӣ шудаанд.

**Боби аввали дисссертатсия «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум»** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал – «Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчун омили таъсиси нашрия» заминаҳои таърихиву фарҳангӣ ва омилҳои асосии пайдоиши нашрияи даврии «Садои мардум» таҳқиқ шудааст. Аз мутолиаи диссертатсия бармеояд, ки дар нашри ин рӯзнома воқеиятҳои сиёсиву фарҳангиии замони бозсозӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои навадуми садаи бист, тавсеаи фазои иттилоотӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ дар

мисоли қонунҳои танзимкунандаи ВАО аз ҷумлаи омилҳои таъсиргузор будаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **фасли дуюми боби аввал, ки «Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум»** унвон дорад, марҳалаҳои ташаккул ва рушди ин нашрияро пас аз Иистиқлоли давлатии Тоҷикистон таҳқиқ ва вижагиҳои ҳар марҳаларо ба таври илмӣ муайян кардааст. Унвонҷӯ бо назардошти вазъи сиёсиву иҷтимоии ҷумҳурӣ дар солҳои бозсозии горбачёвӣ, истиқлоли кишвар ва таъсири он ба раванди инкишофи васоити ахбори омма ҷараёни ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум»-ро ба се марҳала: солҳои 1991-2000, 2000-2010 ва аз 2010 то ба имрӯз дастабандӣ кардааст, ки ин аз навгонии рисола дарак медиҳад.

Султонов Муҳамадато дар **боби дуюми диссертатсия, ки «Вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия»** ном дошта, аз **ду фасл** таркиб ёфтааст, ҷанбаҳои сохториву муҳтавоии рӯзномаи “Садои мардум”-ро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар **фасли аввали ин боб** таҳти унвони **«Вижагиҳои ороиш ва дизайни нашрия»** хусусиятҳои шакливу ороишӣ: саҳифаву рубрикаҳо, аксу матнҳои нашрияи «Садои мардум» баррасӣ гардида, тавассути таҳлили шумораҳои гуногуни он нақши ин аносир дар касби рӯзномасозӣ муайян карда шудааст. Дар фаъолияти рӯзноманигорӣ шакл аҳаммияти басо муҳим дорад. Хусусан, дар замони муосир, шакл василаи муҳимтарини инъикоси воқеият, ироаи матлаб ва изҳори назар гардидааст. Дар таҳқиқи унвонҷӯ ин вежагиҳо бо зикри мисолу намунаҳо асоснок карда шудааст, ки воқеан қобили мулоҳиза мебошад.

Дар **фасли дуюми ин боб, ки «Таснифоти мавзуии маводди нашрия»** ном дорад, мундариҷаи нашрия аз нигоҳи мавзуъ тасниф шуда, зимни таҳлилу баррасиҳои илмӣ вижагиҳои он муайян карда шудааст. Мувофиқи баррасиҳои унвонҷу мундариҷаи рӯзномаи «Садои мардум» баёнгари мавқеи ҳирфаии нашрияи парлумонӣ дар инъикос ва шарҳи воқеиятҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи ҷаҳонӣ: фаъолияти Маҷлиси Олӣ – парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ; тарғиби тағйирнопазирии шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, хусусияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат; таҳкими соҳибихтиёрӣ, истиқлол ва тақсимнашавандагии Тоҷикистон мебошад.

**Боби сеюм «Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум»** унвон дошта, се фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб масъалаи чигунагии жанрҳои публитсистӣ ва имконоти истифодаи онҳо дар нашрия мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудааст.

Масъалаи жанр дар ВАО, ба хусус, дар матбуоти даврӣ муҳимму мубрам аст. Дар фасли аввали ин боб **«Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби жанрҳои хабарӣ»** вижагиҳои хабарҳои рӯзномаи «Садои мардум» бо назардошти омилҳо, тарзи таҳия, василаҳои хабарсоз, маҳорати хабарнависӣ, усулҳои таҳияи хабар, анвои хабарҳо, дид дар хабар ва амсоли ин таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Муаллиф ба он нзар аст, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» жанрҳои хабарӣ мавқеи муҳим доранд. Омили асосии нуфузи ин гурӯҳи жанрҳо, пеш аз ҳама, ҳадафи иттилоотии онҳо будааст. Рӯзномаи «Садои мардум» дар интихоб ва интишори воқеаҳои хабарӣ хабар, пеш аз ҳама, арзиши маънӣ ва иҷтимоии онҳоро ба назар гирифтааст.

Фасли дуюми **боби сеюм**, ки «**Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ»** ном дошта, баҳси роҳу василаҳои корбасти жанрҳои таҳлилиро дар шарҳу тавзеҳ ва баррасии масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар бар мегирад. Аз таҳқиқу баррасиҳои дар диссертатсия анҷомёфта бармеояд, ки жанрҳои таҳлилӣ барои рӯзномаи «Садои мардум» василаи муҳим ва муассири инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҳаёти ҷумҳурӣ буда, ҷанбаи амиқи публитсистӣ ва таъсиргузорӣ доштаанд. Жанрҳои таҳлилӣ бо тарзи дарки предмет, инъикоси воқеиятҳо, миқёси хулосаҳову умумиятдиҳӣ ва хусусияти услубии воситаҳои баёну тасвир фарқ мекунанд.

Аз таҳлили диссертатсия маълум гардид, ки нашрия бештар ба чопи мухбирнома, табсира, суҳбат, хулосаи матбуот, мақола ва нигориш диққат додааст. Мухбирнома дар инъикоси воқеиятҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ва шаклгирии мундариҷавию жанрии рӯзномаи «Садои мардум» мавқеи муҳим доштааст. Рӯзномаи «Садои мардум» тули фаъолияташ аз жанри мухбирнома фаровон истифода бурдааст.

Фасли сеюми бобои сеюм **«Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои**
**лавҳаву очерк»** ном дорад. Муаррифии корномаи шахс ба воситаи осори публитсистию бадеӣ яке аз василаҳои шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва амалу кирдори инсонҳои касбу кори гуногун мебошад, ки бо тасвири образнок дар жанрҳои лавҳаву очерк инъикос мешавад. Дар

диссертатсия лавҳаҳо ва очеркҳои рӯзномаи «Садои мардум» аз назари хусусияти жанрӣ таҳқиқу таҳлил гардида, муаллиф собит намудааст, ки авомили тасвир ва муаррификунандаи корномаи шахс дар матолиби нашрия, дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон шакл гирифтааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Султонов Муҳамадато Исоевич фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 20 банд фароҳам омадааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Ҳамчунин оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки барои истифодаи амалӣ муфид буда, барои беҳтар гардонидани фаъолияти нашрияи парламентӣ нигаронида шудаанд. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои зикргардида, дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла:

1. Унвонҷӯ моҳият ва таъйиноти нашрияи парламентиро хеле хуб баррасӣ кардааст, аммо агар барои ин ҷиҳати мавзуъ фасли алоҳида ҷудо мекард, хубтар мешуд.

2. Фасли якуми боби дуюм аз нигоҳи ҳаҷм нисбат ба фаслҳои дигар камтар аст. Агар унвонҷӯ ҳаҷми бобу фаслҳои диссертатсияро баробар ба назар мегирифт, мувозинат хубтар риоя мешуд.

3. Ба назар чунин мерасад, ки дар боби сеюми рисола, ки «Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» ном дорад, ба баррасии жанрҳои хабарӣ таваҷҷуҳ бештар шудааст. Ҳол он ки маводи таҳлилии нашрия низ кам нест.

4. Дар матни диссертатсия аҳён бошад ҳам, ҳолатҳои афтидан ва изофа шудани ҳарфҳо ва нодуруст гузошта шудани нохунак ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар сатҳи зарурии илмию пажуҳишӣ таълиф шудааст ва вазифаҳои гузошташуда бомуваффақият иҷро гардидааст.

Автореферат ва 6 мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 4-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант

ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд.

Нашри таълифоти илмӣ ва коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мақсади муайян, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Услуби баён, масъалагузорӣ, баррасӣ, таҳқиқ ва мақолаҳои илмӣ аз саҳми шахсии муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи «"Садои мардум" – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
сардори хадамоти матбуотии Муассисаи
таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии
«Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Муллоев Ш.Б.
"29" апрели соли 2025
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Зафар, бинои 229, ҳуҷраи 24.
Тел.: (+992) 93-500-57-50.
E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

Имзои **Муллоев Шариф Боқиевич**ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи
таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии
«Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Телефон: (+992) 37-221-35-50.
E-mail: p.rektora@mail.ru
Сомона: rtsu.tj
" 30" апрели соли 2025